Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Субъекти иқтисодӣ фаъолияти худро дар шароити муосир бидуни муносибатҳои қарзӣ ба роҳ монда наметавонад. Ин муносибат аст, ки имрӯзҳо институтҳои молиявӣ онро ҳамчун маҳаки самаранокӣ самти даромаднокии фаъолияти хеш қарор дода, бо василаи он қисми асосӣ ё пойдевори низоми молиявии мамлакатро устувор мегардонанд. Бояд зикр намуд, ки дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо бахши бонкӣ ҷойгоҳи хосаро касб менамояд ва дар амалигардонии сиёсати молиявию қарзии мамлакат нақши арзандаи худро мегузорад.

Нақши қарз ва захираҳои қарзӣ имрӯзҳо дар пешрафти иқтисодиёт мавқеи хосаро касб менамояд. Ҳамчунин нақши қарзро дар иқтисодиёт чунин арзёби намудан мумкин аст, яъне муносибатҳои қарзӣ ва бозори захираҳои қарзӣ ҷузъи органикии иқтисоди бозорӣ мебошанд. Ҷалби маблағҳои муваққатан озоди шахсони воқейи ва ҳуқуқӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, сафарбар намудани он ба бахшҳои иқтисодиёт ва самараноку мақсаднок истифодабарии он аз ҷониби аҳолӣ солимии низоми молиявии иқтисодиётро таъмин менамояд. Нақши қарз ҳамчун категорияи иқтисодӣ, одатан аз натиҷаи фаъолияти муносибатҳои қарзӣ фаҳмида мешавад. Моҳияти қарздиҳӣ аз ҳаракати маблағҳои озод аз қарздиҳанда ба қарзгиранда дар асоси баргардонидани ҳатмӣ, мӯҳлати маҳдуди истифодаи маблағҳо дар вақт ва пардохт, яъне ҳисоб кардани фоизҳо ба фоидаи қарздиҳанда иборат аст.

Вобаста ба мубрам будани мазуи диссертатсия ҳаминро низ бояд, қайд намуд, ки мавзуи идоракунии хавфҳои қарзӣ бевосита дар стратегия ва барномаҳои соҳавӣ масъалаи мубрам маҳсуб меёбад.

Муҳаққиқ ҳангоми омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуи тақризшаванда, назарияҳои мактабҳои иқтисодӣ, олимону муҳаққиқони соҳаи иқтисодӣ ва институтҳои молиявиро ҷамъоварӣ карда, ақидаи

муаллифии худро оид ба хавф, хавфи қарзӣ пешниҳод кардааст, ки қобили дастгирӣ аст. Аз нигоҳи муаллиф, хавфи қарзӣ - ин эҳтимолияти ба таъхир афтидани уҳдадориҳои молиявии иҷрошаванда аз ҷониби қарзгиранда, зомин ва иштирокчиёни шартнома, мутобиқи шартҳои шартнома ё талафоти иқтисодӣ аз иҷро нагардидани уҳдадориҳои контрагент мебошад (саҳ. 10).

Чуноне, ки аз автореферат бармеояд, муаллиф бо истифода аз маълумотҳои расмӣ, ҳисоботҳои бонкҳо таҳлилҳо гузаронида, низоми идораи хавфҳои қарзиро дар ташкилотҳои қарзӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор додааст ва аз натиҷаи онҳо дурнамои идоракунии хавфҳои қарзиро таҳия сохтааст.

Ҳамчунин муаллиф қайд менамояд, ки сифати сандуқи қарзӣ ҳамчун нишондиҳандаи баҳодиҳии устувории бонкҳо ва суботи низоми бонкӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқот ин нишондиҳанда дар алоқамандӣ бо суботи молиявии низоми бонкӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи методологияи Хазинаи байналмилалии асъор амалӣ карда мешавад (саҳ. 16).

Аз мазмуни автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳаққиқ вазифаҳои ба миён гузоштаро бо муваффақият ҳал намуда, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳоро бо мақолаҳои нашрнамудааш тасдиқ менамояд.

Новобаста аз ҷиҳатҳои мусбӣ автореферати мазкур аз камбудӣ низ эмин нест, аз ҷумла:

- муаллиф ба масъалаи дастрасӣ ба воситаҳои молиявии арзон, яъне ҷалби сармоягузорӣ ба низоми бонкӣ таваҷҷуҳи камтар зоҳир кардааст, ҳол он ки ин омил яке аз роҳҳои пасткунии хавфҳои қарзӣ мебошад.

Эроди зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори илмӣ баён гардидааст. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти илмии мазкур мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф дорои арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявӣ ва амалии низоми идоракунии хавфҳои қарзиро ифода менамояд.

Умуман, автореферати диссертатсия дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботи

бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Оев Анис Давлатович арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Муқарриз,
д.и.и., профессор, профессори
кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоев О.

Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33;
Тел.: (+992 37) 224-17-86, Факс: (+992 37) 224-17-86; E-mail: info@apa.tj.

Имзои д.и.и., профессор О. Бобоевро тасдиқ мекунам,
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.